«Тасдиқ мекунам»
ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»
__________ профессор Усмонзода А.И.
«__27__» ____01____ соли 2023

# ХУЛОСАИ

**маҷлиси васеи Шӯрои олимони факултети забонҳои шарқи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба экспертизаи давраи дуюми диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзӯи «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ» дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) – Хуҷанд, 2023 – 163 саҳ.**

Диссертатсияи Саидсултонхон Саидғанизода дар мавзӯи «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ» дар кафедраи филологияи араби МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии диссертатсия:** Ғаффорова Умеда Абдуллоевна – д.и.ф., профессори кафедраи филологияи араби МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”.

Муҳокима ва экспертизаи давраи якуми диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи филологияи араби МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» санаи 9 декабри 2022, протоколи № 5 баргузор гаштааст.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва мазмуну муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) мутобиқат дорад.

**Алоқамандии мавзӯи дисертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи филологияи арабӣ факултети забонҳои шарқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» дар мавзӯи "Робитаҳои адабии арабу аҷам ва поэтикаи шарқ" иҷро шудааст.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ бо муҳтавои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷмӯаҳои илмӣ ва маҷаллаҳои давр тавассути фишурда (автореферат) ва 12 номгӯй мақолаи илмӣ, (аз ҷумла, 4 мақола дар нашрияҳои дар қайди КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, манзури доираи васеи хонандагон гардонида шудааст, чунончи:

**I. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии эътирофшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**[1-М]** Рӯзгор ва сори Аҳмади Ғаззолӣ / С.Саидғанизода // Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ / ISSN (2219-5108) - №4 (76), 2018 - Душанбе. С. 212-215.

**[2-М]** Ташаккули истилоҳоти ирфонӣ дар адабиёти тоҷик / С.Саидғанизода // Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ / ISSN (2219-5108) - №5 (77), - Душанбе. С. 195-199.

**[3-М]** Истифодаи санъатҳои бадеӣ дар "Савонеҳ"-и Аҳмади Ғаззолӣ / С.Саидғанизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / ISSN (2413-516X) - №7, 2020 - Душанбе. С. 304-307.

**[4-М]** Андешаҳои ирфонии Аҳмади Ғаззолӣ / С.Саидғанизода // Паёми ДДБохтар ба номи Н.Хусрав / ISSN (2663-5534) - №1/4 (94), - Бохтар. С. 34-37.

**II. Мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмӯаҳои илмӣ:**

**[5-М]** Аҳмади Ғаззолӣ ва мактаби ӯ / С.Саидғанизода // Роҳи Абрешим ва робитаҳои байнифарҳангии Авруосиё, (маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ) 3 – июли 2018 – Душанбе. С. 274-276.

**[6-М]** Мафҳум ва хусусияти рубоиҳои Аҳмади Ғаззолӣ / С.Саидғанизода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Филологияи Шарқ дар масири фарҳанг ва тамаддунҳо”, Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон, 22.12.2020 сол.

**[7-М]** Ирфони Аҳмади Ғаззолӣ / С.Саидғанизода // Конференсияи байналмилалӣ, Паёми донишкадаи Панҷакент – 2021. С. 560-563.

**[8-М]** Корбурди истилоҳоти адабӣ дар осори Аҳмади Ғаззолӣ / С.Саидғанизода // Конференсияи байналмилалӣ, Паёми донишкадаи Панҷакент – 2022. С. 675-680.

**[9-М]** Ашъори Аҳмади Ғаззолӣ ва хасоиси он / С.Саидғанизода // Конференсияи байналмилалӣ, Паёми донишкадаи Панҷакент – 2022. С. 680-683.

**[10-М]** Накши “Рисолат-ут-туюр”-и Аҳмади Ғаззолӣ ба “Мантиқ-ут-тайр”- Аттори Нишобурӣ / С. Саидғанизода // Конференсияи байналмилалии “Филологияи араб ва замони муосир” Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 28-уми октябри соли 2022 – Душанбе. С. 143-146.

**[11-М]** “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва бадеиёти он // С. Саидғанизода // Конференсияи ҷумҳуриявӣ “Заминаҳои ривоҷу ташаккули филологияи араб дар ҷаҳони муосир”, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 16-уми ноябри соли 2021 – Душанбе. С. 212-215.

**[12-М]** Арзишҳои бедии “Савонеҳ-ул-ушшоқ”-и Аҳмади Ғаззолӣ / С. Саидғанизода // Конференсияи ҷумҳуриявӣ “Масоили мубрами арабшиносии тоҷик”, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 28-уми октябри соли 2022 – Душанбе. С. 356-361.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ва ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсия тавассути маърӯза ва гузоришоти илмӣ дар конференсияҳои илмию амалии сатҳи байналмилалӣ (2020, 2021, 2022), ҷумҳуриявӣ (2021) ва семинарҳои методӣ ба олимону омӯзгорони МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» манзур карда шудааст.

Матлабҳои амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот зимни “Хулосаҳо”-и диссертатсия дар интишороти муаллиф (бо ишора ба рақами мақолаҳо) ва қисмати “Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот” дар 15 банд нишон дода шудаанд.

Маводи назариявию амалии диссертатсия ва натиҷаҳои бадастовардаи онро метавон дар таҳқиқу баррасии масоили гуногуни адабиётшиносӣ, баҳсҳои адабиётшиносӣ, аз ҷумла таърихи адабиёти асри XII, бавижа қисматҳои марбут бар таърихи тазкираҳои ирфонӣ, анвои адабӣ ва сохторшиносӣ, назарияи адабиёт, накди адабӣ мавриди истифода қарор дод. Таҳқиқоти диссертатсионӣ барои муҳаққиқоне, ки ба пажӯҳиши масоили гуногуни адабиётшиносӣ оғоз менамоянд, маводи назарии фаровон дода метавонад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқот.** Дар рисола бори аввал осори «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ ба ҳайси манбаи боэътимоди тасаввуф ва насри ирфонии форсу тоҷик бо назардошти мазмуну мундариҷа, сохтор, банду баст, вижагиҳои адабиву ҳунарӣ, шеваҳои нигориш, қимати илмиву адабӣ омӯхта шудааст.

**Пешниҳоди диссертатсия ба Шӯрои диссертатсионӣ.** Дар анҷоми маҷлис раисикунанда – декани факултети забонҳои шар□, дотсент Ра□имов И.У. дар бораи шахсият ва фаъолияти омӯзгории диссертант С.Саидғанизода сухан ронда, дар асоси андешаҳои дар маҷлис баёншуда чунин лоиҳаи хулосаи маҷлисро пешниҳод кард: диссертатсия дар мавзӯи мубрам ва ҳанӯз таҳқиқнашуда бо назардошти доираи барномаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи филологияи арабӣ факултети забонҳои шарқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» дар мавзӯи “Робитаҳои адабии арабу аҷам ва поэтикаи шарқ” иҷро шудааст, мазмуни кор ба мавзӯъ ва шиносномаи ихтисос мутобиқ аст, автореферат муҳтавои диссертатсияро дар бар мегирад, натиҷаҳои таҳқиқ муфассал дар 12 мақолаи илмӣ интишор ёфтааст.

Бо назардошти андешаҳои боло, Шӯрои олимони факултети забонҳои шарқи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар маҷлиси васеи худ (протоколи № 6, аз 25-юми январи соли 2023) диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхонро дар мавзӯи « Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ» ҳамчун таҳқиқоти комилан анҷомёфта бо назардоштиислоҳи хатоҳои зикршуда барои баррасӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 037 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои дифоъ оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) пешниҳод кард.

**Иштирок доштанд:** 21 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ:

“тарафдор” – 21 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест.

Протоколи № 6 аз 25-уми январи соли 2023.

**Раиси маҷлис, дотсент:** **Раҳимов И.У.**

**Котиби маҷлис,**
**номзади илми филология:** **Содиқова Р.**

**“Имзоҳои И.У. Раҳимов ва Р.Содиқоваро тасдиқ мекунам”.**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»:** **Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**